# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Ноябри 2018

**Дар моҳи ноябри соли равон сатҳи таваррум[1] тамоюли муътадили худро идома дода, ба 0,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба моҳи гузашта 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) кам ва ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,1 б.ф. зиёд мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда дар моҳи ҳисоботӣ асосан дар натиҷаи болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ба андозаи 0,7 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 1,0 (0,2 б.ф.) ба амал омад. Тавре ки маълум аст, бештари номгӯи молҳои ғайрихӯрокворӣ маҳсулоти воридотӣ буда, тағйирёбии нархи онҳо аз вазъи бозорҳои ҷаҳонии молиявӣ вобастагӣ дорад. Махсусан, нархи маводи сӯзишворӣ (1,8% м/м ё 18,1% с/с) вобаста ба болоравии нархи гази моеъ (4,5% м/м ё 22,6% с/с) ва бензини навъи АИ-92 (0,8% м/м ё 19,2% с/с) дар моҳи баррасишаванда раванди афзоиши муътадил дошт, ки ба ин асосан омилҳои пешниҳодот ва қиматшавии нархи он дар кишварҳои содиркунандаи маҳсулоти нафт таъсир расонидаанд.

Ҳамзамон, болоравии арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бинобар омилҳои маъмурӣ, аз ҷумла болоравии нархи қувваи барқ 14,2 фоиз (0,3 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои маишӣ 0,3 фоиз ба амал омад. Дар баробари ин, коҳишёбии нархи тарифаҳои хизматрасонии нақлиёти мусофирбар 5,4 фоиз (-0,2 б.ф.) ба назар расид.

Нархи маҳсулоти хӯрокворӣ дар давраи ҳисоботӣ нисбатан муътадил буда, 0,1 фоиз (саҳм дар таваррум 0,1 б.ф.) афзоиш ёфт, ки ин ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва берунӣ алоқаманд мебошад. Аз ҷумла, болоравии нархи орди навъи якум 2,3 фоиз, шакар 1,3 фоиз, тухм 1,6 фоиз ва себ 3,3 фоиз ва ба қайд гирифта шуд.

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ нархи миёнаи гандум дар моҳи ноябри соли ҷорӣ ба 203,6 долл. ИМА барои 1 тонна баробар шуд, ки нисбат ба аввали сол 10,6 фоиз зиёд мебошад.

**Сатҳи таваррумӣ солона бошад, тамоюли тағйирёбии муътадили худро идома дода, ба 5,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,2 б.ф. кам мебошад. Нишондоди мазкур новобаста аз таъсири таконҳои берунаи иқтисодӣ ва молиявӣ ба ҳадафи муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқ буда, тамоюли тағйирёбии он дар доираи дурнамои пешбинишуда ҷараён дорад.**

Сатҳи таваррумӣ аслӣ** дар моҳи ноябри соли ҷорӣ 0,2 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона бошад, ба 2,4 фоиз[3] баробар шуд. Ба ин раванд нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ

**Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Нишондиҳандаи мақсадноки таваррумӣ солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



(маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани рустанӣ ва ҳайвонот), молҳои ғайрихӯрокворӣ (маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таварруми аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

Дар пӯёии тағйирёбии таварруми ғайриаслӣ коҳишёбии нисбии нархи бархе аз маҳсулоти хоми хӯрокворӣ дар моҳи ноябри соли 2018 нисбат ба моҳи қаблӣ ба назар расид. Аз ҷумла, арзоншавии нархи гӯшти гӯсфанд (-0,3% м/м ё 4,8% с/с), биринҷ (-0,5% м/м ё 17,9% с/с), картошка (-4,1% м/м ё-38,7% с/с), сабзӣ (-18,3% м/м ё 62,2% с/с), карам (-6,2% м/м ё 83,5% с/с), помидор (1,0% м/м ё 3,5% с/с), нахӯд (-2,6% м/м ё -19,6% с/с), нок (-1,6% м/м ё -16,3% с/с), лиму (-28,4% м/м ё -21,8% с/с) ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Дар баробари ин, вобаста ба таъсири омилҳои берунии мавсимӣ ва таклифот, нархи орди навъи якум (2,3% м/м ё 9,8% с/с), гӯшти гов (0,3% м/м ё 5,7% с/с), гӯшти мурғ (2,1% м/м ё 7,5% с/с), равғани пахта (0,2% м/м ё 9,1% с/с), тухм (1,6% м/м ё 7,6% с/с), пиёз (2,2% м/м ё 53,5 фоиз с/с), каду (1,8% м/м ё -16,8% с/с), себ (3,3% м/м ё -2,0% с/с), ангур (35,2% м/м ё 50,1% с/с) ва бодиринг (33,3% м/м ё -26,4% с/с) раванди болоравӣ дошт.

**Бонки миллии Тоҷикистон, сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро тавассути фишангу воситаҳои монетарӣ ҷиҳати танзими ҳаҷми пул дар муомилот ва нигоҳдории сатҳи муътадилии таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда амалӣ менамояд.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки тавваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.**

**Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | Ноябр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | | | | | | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **1,6** | **2,3** | **3,5** | **5,0** | **5,3** | **5,5** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **-2,1** | **-1,9** | **0,7** | **4,8** | **5,6** | **4,9** | **0,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | -4,2 | -2,1 | -0,8 | 4,5 | 6,0 | 8,6 | 1,5 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 8,1 | 10,2 | 13,1 | 15,8 | 16,3 | 17,9 | -0,5 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | -8,2 | -5,5 | -4,3 | 3,9 | 6,3 | 9,8 | 2,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | 4,9 | 4,5 | 5,8 | 6,7 | 5,8 | 6,0 | 0,8 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 3,0 | 2,8 | 5,1 | 6,1 | 5,7 | 5,7 | 0,3 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,1 | -4,2 | 0,0 | 7,7 | 11,5 | 7,6 | 1,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 3,4 | 6,0 | 3,9 | 0,2 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | -1,4 | 5,4 | 1,3 | 2,6 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,8 | 3,5 | 4,0 | 4,7 | 7,8 | 7,5 | 0,0 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 24,2 | 51,6 | 36,9 | 18,2 | 7,2 | 6,9 | 0,8 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -23,8 | -34,4 | -21,9 | -1,4 | 4,2 | -6,6 | -5,7 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | -11,2 | -16,8 | -13,8 | -11,3 | -6,3 | -3,0 | 1,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 3,3 | 4,0 | 3,6 | 3,6 | 3,3 | 3,2 | 0,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **5,2** | **5,2** | **6,9** | **6,9** | **3,1** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **4,7** | **6,2** | **6,8** | **6,4** | **5,7** | **4,5** | **-1,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **5,8** | **6,7** | **5,9** | **5,7** | **5,9** | **6,2** | **0,7** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 4,9 | 5,4 | 5,2 | 4,6 | 4,7 | 4,9 | 0,7 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 6,1 | 6,7 | 6,0 | 7,0 | 6,9 | 6,9 | 0,2 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,7 | 1,9 | 1,9 | 3,2 | 4,9 | 5,7 | 0,8 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 1,9 | 4,7 | 4,5 | 9,2 | 7,7 | 9,3 | 1,7 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 26,4 | 27,1 | 20,4 | 14,1 | 15,5 | 18,1 | 1,8 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -12,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,5 | 4,5 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 11,9 | 13,1 | 10,6 | 8,4 | 9,0 | 8,7 | 0,3 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **7,3** | **9,5** | **8,0** | **4,3** | **3,2** | **6,7** | **1,0** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 20,5 | 19,2 | 14,9 | 11,3 | 5,6 | 14,0 | 8,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 14,2 | 9,4 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 14,9 | 14,7 | 14,7 | 14,7 | 0,6 | 14,9 | 14,2 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 52,3 | 44,7 | 24,8 | 8,7 | 13,4 | 20,4 | 4,3 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -0,6 | 7,2 | 6,0 | -0,7 | 2,1 | 5,2 | -5,4 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 2,9 | 3,1 | 3,1 | 1,8 | 2,5 | 2,8 | 0,3 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо